В теории государства и права выделяют также дозволительно-обязывающий тип правового регулирования. Данный тип регулирует правовой статус должностных лиц, государственных органов, государства. Субъекту предоставляется законом тот объем правомочий, который необходим для осуществления его должностных полномочий, служебных обязанностей, которые обозначены весьма четко в законах и подзаконных нормативных правовых актах. Но данный тип правового регулирования не получил дальнейшего распространения.

С точки зрения общей теории права, метод правового регулирования общественных отношений – это совокупность способов (приёмов, средств), которые используются в процессе воздействия права на поведение людей. Под методом правового регулирования подразумеваются особые способы, приёмы, средства, которые используются при правовом регулировании конкретного вида общественных отношений. Например, при правовом регулировании предпринимательской деятельности используются

следующие методы: метод автономных решений, метод обязательных предписаний, метод рекомендаций.

В третьем параграфе «**Трансформация системы права и законодательства Республики Таджикистан при переходе к рынку»** анализируется обновление политической, экономической, идеологической основ общества, которое привело к естественной трансформации системы права и законодательства Республики Таджикистан. Новые условия послужили предпосылкой возникновения новых отраслей права и законодательства. Быстро развивающиеся экономические отношения диктуют необходимость разработки новых правовых норм, отвечающих требованиям рынка, оформления их в рамках новых отраслей и подотраслей права. За последние несколько лет в Таджикистане сформировались такие отрасли и подотрасли права, как налоговое, таможенное, валютное, бюджетное, предпринимательское право и др. В литературе довольно часто стали использоваться такие термины, как «экономическое право», «экономическое законодательство», «правовая экономика» и др.

Современная наука на данном этапе развития не дает четкого определения понятия «экономическое право». Общепринятая точка зрения заключается в том, что экономическое право, являясь одним из элементов системы права, предназначено для регулирования экономических отношений, что экономическое право, так же как и экономическое законодательство, является комплексной отраслью, сочетающей в себе и публичные, и частные нормы права. С нашей точки зрения, экономическое право следует рассматривать как комплексную отрасль права, самостоятельную отрасль науки и учебную дисциплину.

Систему экономического права целесообразно делить на три относительно самостоятельных подсистем: внутригосударственное, межгосударственное и международное экономическое право. К примеру, источниками внутригосударственного экономического права Республики Таджикистан выступают нормативные правовые акты, договоры нормативного характера, правовые обычаи, регулирующие экономические отношения в пределах юрисдикции Республики Таджикистан. Двусторонние и многосторонние договоры, регулирующие экономические отношения на уровне двух и более государств относятся к источникам межгосударственного экономического права. Международное экономическое право представляет собой совокупность принципов и норм, регулирующих экономические отношения между субъектами международного права.

Следует отметить, что экономика, равно, как и информация, энергия, воздушное и морское пространство, представляет собой явление интернациональное, выходящее за пределы одного конкретного государства. Именно по этой причине в системе международного права особое внимание уделяется изучению международного экономического права, сформировавшегося как самостоятельная наука только в конце XX века. Автор полагает, что международное экономическое право – это отрасль

международного публичного права, которая действует наряду с международным космическим, морским, воздушным, экологическим правом. Это синтетичная наука, впитывающая в себя элементы различных наук. Не существует нормативно закрепленной системы международного экономического права, как впрочем, и всего международного публичного права. Поэтому, по мнению автора, правильнее говорить о научной системе международного экономического права.

В западной правовой науке весьма популярной является концепция транснационального права. Данная концепция была выдвинута американским ученым Ф.С. Джессупом в 1956 г., который считает, что международное публичное право регулирует исключительно политические проблемы на межгосударственном уровне, а проблемы, связанные с заключением сделок, пересечением границ грузами и людьми должны решаться на наднациональном уровне. Иными словами, предлагается концепция формирования новой системы регулирования вненационального характера, не связанной с национальными правовыми системами, функционирующей на основе соблюдения общих для цивилизованных наций принципов и правил свободы договора и т.п.

Идея «мирового права» в западной научно-правовой доктрине поддерживает сходные теории о том, что международное экономическое право должно регулировать любые экономические операции, которые выходят за пределы одного государства, в том числе и частноправовые сделки. Но автор не согласен с данной теорией. Идея «мирового права», предполагающая всеобъемлющее наднациональное правовое регулирование как публичных, так и частных отношений в рамках международного экономического права или транснационального права, требует критической оценки. Данная идея неприемлема в условиях Таджикистана, поскольку не обеспечивает защиту национальных интересов.

Принятие наднациональных мировых норм требует создания «мирового правительства», иначе кто будет заниматься нормотворчеством? А создание такого правительства привело бы к утрате суверенитета государств, что противоречит самой природе международного права. Другое дело нормы, принимаемые авторитетными международными организациями. Такие нормы действуют в каждом государстве после их добровольного преобразования в норму внутригосударственного характера. Хотя не стоит отрицать, что нормы международного публичного права в той или иной мере проявляют свойства «надгосударственных» норм. Более того, в последнее время эти проявления становятся все более заметными в связи с революционными переворотами, введением экономических санкций и т.д.

Обобщение вышеизложенных точек зрения позволяет прийти к выводу, что экономическое право как наука на сегодняшний день не имеет четких понятийных формулировок, а также единого предмета и метода изучения. Следует говорить о международном экономическом праве, как отрасли международного публичного права.

В диссертации также рассматривается возможность выделения экономического права в отдельную отрасль права. Выделение той или иной отрасли права, как известно, происходит путем установления предмета, метода, источников, принципов и т.д. Однако формирование новых отраслей права сегодня происходит без достаточных на то оснований, что ведет к ослаблению связей внутри правовой системы.

Поскольку в романо-германской правовой системе принято разделять право на публичное и частное, нельзя отнести экономическое право к частноправовым отраслям, так как сама идея экономического права исходит из публичного вмешательства государства в экономику. А гражданское, коммерческое, предпринимательское право, связанные с экономическим правом, относятся к частным отраслям права.

В Германии довольно разнородные нормы, применяемые в сфере экономики, объединены в “право экономики”. Во Франции экономическое право имеет межотраслевой характер. Таким образом, выделение экономического права в отдельную отрасль права имеет довольно условный характер. В состав экономического права в этих странах входят хозяйственное право, торговое, предпринимательское, корпоративное право.

Тенденции мирового экономического развития не могут не влиять и на экономические условия Таджикистана. Проводимый ранее комплексный анализ экономики, включающий конституционное, хозяйственное, административное, гражданское, трудовое регулирование экономики, сегодня устарел. Экономические отношения нуждаются в обновленных организационных формах, способах и средствах правового регулирования на основе новейших научных достижений.

Изначально экономическое право возникло как право государственного вмешательства в капиталистическую экономику, а значит как отрасль публичного права. Экономическое право рассматривается как совокупность правовых норм, зафиксированных в различных нормативных правовых актах, систематизированных с учетом структуры экономических отношений, свидетельствующих об уровне эффективности их правового регулирования, предназначенных для такого регулирования и развивающихся на основе и с учетом закономерностей общественного развития, объясняемых различными теориями. Диссертант считает, что экономическое право является комплексной отраслью науки, но никак не отраслью в системе права Республики Таджикистан.

В **заключении** диссертации подводятся итоги исследования, формулируются теоретические выводы и практические рекомендации для дальнейшего развития основ правового регулирования рыночных отношений в Республике Таджикистан.

**Основные положения диссертации отражены в следующих публикациях автора:**

**Научные статьи, опубликованные в ведущих рецензируемых научных журналах, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан:**

1. Бойматова, Д.П. Место и роль государства в развитии экономики Республики Таджикистан. / Д.П. Бойматова. // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия философия и право. - Душанбе, 2010. - № 2. - С. 107-116. (0,6 п.л.)
2. Бойматова, Д.П. Конституционно-правовые основы формирования рыночной экономики в Республике Таджикистан. / Д.П. Бойматова. // Научно-теоретический журнал «Вестник ТГУ ПБП». Серия гуманитарных наук. - Худжанд, 2014. - № 2 (58). - С. 32-37. (0,4 п.л.)
3. Бойматова, Д.П. О взаимосвязи права и экономики в различных социальных системах. / Д.П. Бойматова. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук - Душанбе: Сино, 2014. - № 2/8 (149). - С. 291-295. (0,3 п.л.)
4. Бойматова, Д.П. Соотношение экономических отношений с категорией собственности. / Д.П. Бойматова. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. - Душанбе: Сино, 2015. - № 3/1 (158). - С.147-152. (0,4 п.л.)

**Научные статьи, опубликованные в иных научных изданиях:**

5. Бойматова, Д.П. Развитие и совершенствование экономического законодательства Республики Таджикистан. / Д.П. Бойматова // Сборник статей научно-практической конференции профессорско-преподавательского состава Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - Худжанд, 2012. – С. 105-108. (0,25 п.л.)
6. Бойматова, Д.П. Правовые основы становления и развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан. / Д.П. Бойматова. // Молодой ученый / Ежемесячный научный журнал. - Чита, 2010. - № 10 (2). - С.176-178. (0,2 п.л.)
7. Бойматова, Д.П**.** Место и роль государства в развитии экономики Республики Таджикистан. / Д.П. Бойматова // Сборник статей и научных докладов ученых и преподавателей Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции на научной конференции «Рынок и его проблемы». - Худжанд, 19 апреля 2011 г. - Худжанд, 2011. - С. 95-99. (0,3 п.л.)
8. Бойматова, Д.П. Особенности действия правовых принципов в сфере регулирования рыночных отношений / Д.П. Бойматова // Сборник статей и научных докладов ученых и преподавателей Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции. XVI научно-практическая конференция по теме: «Формирование и развитие

рынка товаров народного потребления в Таджикистане». - Худжанд, 17-24 апреля 2012 г.- Худжанд, 2012. – С. 85-94.(0,6 п.л.)

9. Бойматова, Д.П. Методы правового регулирования и основные направления развития рыночных отношений в Республике Таджикистан в условиях глобализации / Д.П. Бойматова // Сборник статей научно-практической конференции профессорско-преподавательского состава Таджикского государственного университета коммерции (Душанбе, март 2011 г.) – Душанбе, 2011 - С. 92-98. (0,4 п.л.)

10. Бойматова, Д.П. Мировой опыт государственно-правового регулирования экономических отношений. / Д.П. Бойматова. // Сборник статей научно-практической конференции профессорско-преподавательского состава Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции (Худжанд, 19 апреля 2014 г.) - Худжанд, 2014. – С.78-82. (0,3 п.л.)

11. Бойматова, Д.П. Собственность как правовая и экономическая категория / Д.П. Бойматова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал). – Душанбе: Сумани кудрат, 2015. - 2 (11) 2015. - С.102-107. (0,4 п.л.)

12. Бойматова, Д.П. К вопросу о месте экономического законодательства в правовой системе Республики Таджикистан / Д.П. Бойматова // Республиканская научно-теоретическая конференция, посвященная 20-летию XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан и Дню государственного флага / Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики (26 ноября 2012 года). – Худжанд, 2012. - С. 67-69. (0,2 п.л.)

13. Бойматова, Д.П. Место и роль государства в условиях формирования рыночной экономики / Д.П. Бойматова // XXVIII Международная заочная научно-практическая конференция «Научная дискуссия: вопросы юриспруденции». Международный центр науки и образования, г. Москва, 07 августа 2014 года. – М., 2014. - С. 5-13. (0,6 п.л.)

14. Бойматова, Д.П. Трансформация системы права и законодательства Республики Таджикистан при переходе к рыночным отношениям / Д.П. Бойматова // Международная научно-практическая конференция «Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы, посвященная научной деятельности заслуженного юриста Республики Таджикистан, выдающегося ученого, доктора юридических наук, профессора Ш. Менглиева» (23 октября 2015 г., РТСУ, г. Душанбе). – Душанбе, 2015. - С.162-168. (0,4 п.л.)

15. Бойматова, Д.П. Юридическое содержание собственности / Д.П. Бойматова // V Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» (31 октября 2017 г., РТСУ, г. Душанбе). – Душанбе, 2017. - С. 125-129. (0,3 п.л.).

# АННОТАЦИЯ
## на диссертацию Бойматовой Дилобар Пулотовны на тему: “Правовое регулирование рыночных отношений в Республике Таджикистан: общетеоретический аспект”

Ключевые слова: право, правовое регулирование, экономика, государство, государственное регулирование, рыночные отношения, рыночная экономика, принципы права, типы правового регулирования, либеральная рыночная экономика, социально ориентированная рыночная экономика, методы правового регулирования, трансформация, система права, система законодательства, принципы правового регулирования, частное право, экономическое право.

Целью диссертации является анализ понятия, принципов, типов и методов правового регулирования рыночных отношений в рамках теоретических суждений и на базе рыночно ориентированного законодательства Республики Таджикистан.

Методологическую основу диссертации составили общенаучные методы научного познания: диалектический, материалистический, функциональный, системно-структурный, логический методы, а также специальные методы научного анализа - формально-юридический, сравнительно-правовой, историко-правовой, конкретно-социологический.

Данная диссертационная работа представляет собой одну из первых комплексных монографических исследований проблем правового регулирования рыночных отношений в Республике Таджикистан. В рамках предлагаемого исследования дан подробный анализ понятия, принципов, типов и методов правового регулирования рыночных отношений в рамках теоретических суждений и на базе рыночно ориентированного законодательства Республики Таджикистан. В работе сформулированы научные положения, подтверждающие научную новизну темы исследования.

В диссертации автор выявляет особенности взаимосвязи права и экономики в различные исторические периоды; определяет сущность, типы и функции рынка; дает определение рыночных правоотношений как самостоятельного вида правоотношений и их классификацию; проводит анализ мирового опыта построения рыночной экономики; анализирует принципы правового регулирования рыночных отношений и уровень их закрепления в законодательстве; исследует типы и методы правового регулирования рыночных отношений; раскрывает условия трансформации системы права и законодательства Республики Таджикистан при переходе к рыночным отношениям в контексте анализа экономического законодательства и экономико-ориентированных отраслей права Таджикистана.

В диссертации выработаны рекомендации по эффективному правовому регулированию и совершенствованию рыночных отношений в Республике Таджикистан.

# АННОТАТСИЯ
## ба диссертатсияи Бойматова Дилобар Пулотовна дар мавзӯи: “Танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаи умуминазариявӣ”

Вожаҳои калидӣ: ҳуқуқ, танзими ҳуқуқӣ, иқтисодиёт, давлат, танзими давлатӣ, муносибатҳои бозоргонӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, принсипҳои ҳуқуқ, навъҳои танзими ҳуқуқӣ, иқтисодиёти бозоргонии либералӣ, иқтисодиёти бозоргонии иҷтимоӣ, усулҳои танзими ҳуқуқӣ,дигаргуншавӣ, низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, принсипҳои танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқи хусусӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ.

Мақсади диссертатсияро таҳлили мафҳумҳо, принсипҳо, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар робита бо ақидаҳои назариявӣ ва дар заминаи қонунгузории дорои тамоюли бозоргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Асоси методологии диссертатсияро усулҳои умумиилмии диалектикӣ, материалистӣ, функсионалӣ, низомнокӣ, мантиқӣ ва инчунин усулҳои махсуси таҳлили илмӣ - шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, мушаххаси иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

Диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқотҳои аввалини комплексии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар таҳқиқоти пешкашшаванда таҳлили муфассали мафҳум, принсипҳо, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар доираи ақидаҳои назариявӣ ва қонунгузории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Дар рисолаи номзадӣ мафҳумҳо, принсипҳо, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар доираи ақидаҳои нзариявӣ нуктаҳои илмӣ, ки навгонии илмии корро собит менамоянд, пешкаш карда шудаанд.

Дар рисолаи номзадӣ хусусиятҳои алоқамандии ҳуқуқ ва иқтисодиёт дар давраҳои гуногуни таърихӣ, моҳият, навъҳо ва вазифаҳои бозор таҳлил карда шуда, мафҳуми муносибатҳои бозоргонӣ ҳамчун намуди мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ ва таснифоти онҳо пешкаш карда мешаванд. Дар таҳқиқот инчунин ба таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии эъмори иқтисодиёти бозоргонӣ, принсипҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ, сатҳи инкишофи қонунгузории иқтисодӣ, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ, тағйирёбии низоми ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар радифи таҳлили қонунгузории иқтисодӣ ва соҳаҳои ҳуқуқ диққати махсус дода шудааст.

Дар диссертатсия оиди танзими ҳуқуқии самаранок ва мукаммалгардонии минбаъдаи муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо дода шудаанд.

# ANNOTATION
## of the dissertation of Boymatova Dilobar Pulotovna on the theme: "Legal regulation of market relations in the Republic of Tajikistan: a general theoretical aspect"

Keywords: law, legal regulation, economy, state, state regulation, market relations, market economy, principles of law, types of legal regulation, liberal market economy, socially oriented market economy, methods of legal regulation, transformation, law system, system of legislation.

The purpose of the dissertation is to analyze the concept, principles, types and methods of legal regulation of market relations in the framework of theoretical judgments and on the basis of market-oriented legislation of the Republic of Tajikistan.

The methodological basis of the thesis consists of general scientific methods of scientific knowledge: dialectical, materialistic, functional, system-structural, logical methods, techniques and principles, as well as special methods of scientific analysis - formal legal, comparative legal, historical and legal, concrete sociological.

This dissertation is one of the first comprehensive monographic studies of the problems of legal regulation of market relations in the Republic of Tajikistan. Within the framework of the proposed research, a detailed analysis of the concept, principles, types and methods of legal regulation of market relations is given within the framework of theoretical judgments and on the basis of market-oriented legislation of the Republic of Tajikistan. The paper formulates scientific statements confirming the scientific novelty of the research topic.

In the thesis, the author reveals the features of the relationship of law and economics in different historical periods; determines the essence, types and functions of the market; gives the definition of market relations as an independent type of legal relations and their classification; analyzes the world experience of building a market economy; analyzes the principles of legal regulation of market relations and the level of their fixation in the legislation; explores the types and methods of legal regulation of market relations; reveals the conditions for the transformation of the system of law and legislation of the Republic of Tajikistan in the transition to market relations in the context of the analysis of economic legislation and economic-oriented branches of law in Tajikistan.

In the thesis, recommendations were made on effective legal regulation and improvement of market relations in the Republic of Tajikistan.

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ББК: 67.0**
**УДК: 340 (575.3)**
**Б - 77**

**Бойматова Дилобар Пулотовна**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРГОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАИ УМУМИНАЗАРИЯВӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Душанбе - 2019**

Диссертатсия дар Шуъбаи проблемаҳои назариявии ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ташхиси муқаддамотӣ гузашта, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Сотиволдиев Рустам Шарофович -**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ**: **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн -**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Раиси Арбитражи байналмилалии
тиҷоратии назди Палатаи савдою
саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Ҳаитов Саидалӣ Поргиевич -**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи "Ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ
ва зиддикоррупсионӣ"-и Донишгоҳи
давлатии молиявӣ-иқтисодии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда**: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон (ш.Хуҷанд)

Ҳимояи диссертатсия 19 апрели соли 2019 соати 14 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, толори Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо рисола дар сомонаи интернетии www.tnu.tj ва дар китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ,17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ________ соли 2019 фиристода шудааст.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Пас аз пош хӯрдани ИҶШС дар давлатҳои пасошӯравӣ дигаргуниҳои зиёде ба амал омада, дар натиҷа самтҳои фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии давлат ба таври куллӣ тағйир дода шуданд. Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ҳамчун самти муҳимми фаъолияти давлат эътироф карда шуд ва ба таври расмӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон(1994) сабт гардид. Конститутсия ғояи давлати ҳуқуқбунёду иҷтимоӣ, гуногуншаклии моликият, аз ҷумла, моликияти хусусӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиро мустаҳкам намуд. Бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла муносибатҳои бозоргонӣ, қонунгузории пойдеворӣ, асосҳои васеи қонунгузорӣ, стратегияву барномаҳои давлатӣ, ки мақсаду мароми сиёсати давлатро дар соҳаи танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳои иқтисодӣ муайян мекунанд, қабул карда шуданд. Давлат вазифаи возеҳи амалигардонии мунтазами самти ташаккули иқтисоди бозоргонии иҷтимоиро ба миён гузошт.

Рисолат ё моҳияти рушди минбаъда – ин бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол, шукуфон ва аз лиҳози иқтисодиву сиёсӣ босубот мебошад. Тӯли 27 соли сипаригашта Тоҷикистон дар самти бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ба музаффариятҳои назаррас ноил гардид. Аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ин муваффақиятҳо равшану возеҳ буда, асосан ба туфайли иродаи қавии сиёсии роҳбарияти кишвар ба даст омадаанд. Аммо асри XXI бо дарназардошти тағйироти босуръати шароити берунаи он дар назди мардуми мо вазифаҳои нави сертакаббурро мегузорад, ки ҳалли онҳо барои иттиҳоди ҷомеа ва ҳифзи асолати миллӣ ҷиҳати ноилшавӣ ба тараққиёти густурда хеле муҳим мебошад[4].

Сиёсати дохилӣ бояд ба коҳишдиҳии осебпазирии иқтисодиёти кишвар аз таҳдидҳои эҳтимолии беруна, ҷустуҷӯ ва таҳияи механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилии рушди устувори иқтисодӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, шуғли пурмаҳсул, дастрасии устувор ба захираҳои энергетикӣ ва фазои мусоиди соҳибкорӣ равона гардад. Иқтидори иқтисодии кишвар бояд ҳамчун заминаи моддии амнияти миллӣ арзёбӣ гардад. Дар ин робита истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ ва табиӣ, аз ҷумла таҳкими иқтидори институтсионалии рушд дар самти баланд бардоштани самаранокӣ, диверсификатсия ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ рушди индустриалии ояндаро

4Ниг.: Стратегияи миллии рушди устувори Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.// [Сомонаи электронӣ]: www.mmk.tj. (Санаи муроҷиат: 22.02.2017 г.).

муайян месозад ва гузаришро аз иқтисодиёти аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ таъмин менамояд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2017 таъкид карда шуда буд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ҳамаи имконияту қувваҳои худро бахри азнавсозӣ ва таъсиси инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, ҳалли масъалаҳои таъмини об ва барқ, ташкили шароитҳои мусоид барои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, рушди сектори хусусӣ ва таъмини волоияти қонун равона кардааст[5].

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ бевосита бо сиёсати андози давлат алоқаманд аст. Дар рафти мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорони ватаниву хориҷӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки тайи солҳои 2013-2016 ҳаҷми умумии имтиёзҳои андоз зиёда аз 60 млрд. сомониро ташкил дода, истифодаи воқеии ин имтиёзҳо ба 9 млрд. сомонӣ расид, ки ин тақрибан 30% маблағи андозҳои дохилиро барои ҳамин давра ташкил медиҳад. Барои соҳибкорон ва сармоягузорон як қатор имтиёзҳо муқаррар карда шуд, номгӯйи мақомоти давлатӣ, ки фаъолияти субъектони хоҷагидорро тафтиш мекунанд, кам карда шуда, ба 28 адад расид.Теъдоди санҷишҳо назар ба соли сипаригашта 70% кам карда шуданд[6].

Танзими ҳуқуқии самараноки муносибатҳои бозоргонӣ яке аз шартҳои муҳимтарини фаъолияти муътадили институтҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва некуаҳволии халқ аст. Пӯшида нест, ки ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ масъалаи мушкил буда, ҳалли он аз таъсири омилҳои дохиливу берунӣ, аз суръати ислоҳотҳои иқтисодӣ, аз иқтидори иқтисодии давлат, сифати қонунгузорӣ, самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, сатҳи шуури ҳуқуқии иштирокчиён, муносибатҳои байни давлат ва бизнес ва ғ. вобаста аст. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар марҳилаи муосир яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад, зеро таҳлили амиқи илмии муносибатҳои бозоргонии ташаккулёбанда, мафҳум ва намудҳои бозор, принсипҳо, усулҳо, навъҳои танзими ҳуқуқӣ, инчунин таҳқиқи қолабҳои гуногуни иқтисодиро бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ талаб менамояд.

Таносуби давлат, ҳуқуқ ва иқтисодиёт, ки масъалаи анъанавии илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад, то ҳол аҳамияти худро гум накардааст. Ба ҳалли масъалаи мазкур "шуури зиддибозории" даврони

---

[5]Ниг.: Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 22 декабри соли2017 [Сомонаи электронӣ]: www.president.tj/ru.(Санаи муроҷиат: 25.01.2018 г.).

[6]Ниг.: БаромадиАсосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмондар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ аз 14.10.2017 // [Сомонаи электронӣ]:http://www.prezident.tj / ru. ( Санаи муроҷиат: 22.10.2017 г.).

шӯравӣ, инчунин раванди ҷаҳонишавии иқтисодӣ, кӯшишҳои паҳн кардани барномаҳои фаромиллии иқтисодӣ, аз ҷумла бозоргонӣ, ки бар хилофи манфиатҳои миллӣ мебошанд, таъсири худро мерасонанд.

Мубрамияти мавзӯи рисола бо мақсадҳо ва ғояҳои нави иқтисодиёти бозоргонӣ, ки дар консепсияи глобалӣ ва миллии рушди устувор ҳамчун қолаби нави рушди тамаддун дар асри XXI мустаҳкам гардидаанд, собит мегардад. Қолаби нави низоми бозоргонӣ дар доираи Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегӣ: Рӯзнома барои асри XXI, Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, Эъломияи Йоханнесбург оид ба ҳифзи муҳити зист ва рушд тарҳрезӣ шудааст, бояд ташаккул ёбад. Дар доираи ҳуҷҷатҳои мазкур ташаккули иқтисодиёти бозоргонии дорои тамоюли иҷтимоӣ бар ивази ҷомеаи анъанавии истеъмолӣ, назарияи иқтисодии анъанавии фоидаҷӯйӣ дар системаи бозоргонӣ, ки ба харобшавии захоири табиӣ ва иҷтимоӣ оварда мерасонад ва некуаҳволии одамон ва ҳастии намудҳои мавҷудоти биологӣ бар он асос меёбад, дар назар дошта шудааст.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯъ.** Дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ олимони ватанӣ Исмоилов Ш.М., Маҳмудзода М.А., Менглиев Ш.М., Раҳимзода М.З., Ғаюров Ш.К., Ғафуров А.Д., Сангинов Д.Ш., Шонасруддинов Г., Муртазоқулов Ҷ.С. ва диг. таҳқиқотҳои илмии худро бахшидаанд. Проблемаҳои алоҳидаи таносуби давлат, ҳуқуқ ва иқтисодиёт дар асарҳои Сотиволдиев Р.Ш. мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Масъалаҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва қонунгузории иқтисодӣ аз ҷониби намояндагони илмҳои соҳавии Тоҷикистон (ҳуқуқи конститутсионӣ, гражданӣ, соҳибкорӣ, маъмурӣ, молиявӣ) таҳқиқ карда шудаанд. Таҳқиқоти умуминазариявии масъалаҳои таносуби давлат, ҳуқуқ ва иқтисодиёт, муносибатҳои бозоргонӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур дар асарҳои илмии олимони рус гузаронида шудааст. Доир ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ аз ҷониби мутахассисони назарияи давлат ва ҳуқуқи Федератсияи Русия таҳқиқотҳои диссертатсионӣ анҷом дода шудаанд. Имрӯз таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон низ бештар гаштааст.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар сатҳи умуминазариявӣ таҳқиқоти мустақили танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида нашудааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии мазкур ба таҳлили ҷанбаҳои умуминазариявии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шуда, барои бартараф намудани нуқсони дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон, хусусан дар назарияи давлат ва ҳуқуқ вуҷуддошта, мусоидат мекунад.

**Робитаи кор бо мавзӯъ ва барномаҳои (лоиҳаҳои) илмӣ.** Рисолаи номзадӣ дар доираи барномаи панҷсолаи Шуъбаи проблемаҳои

назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017 "Вазъи муосир, тамоюл вадурнамои рушди низоми давлатӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои истеҳкоми соҳибихтиёрии давлатӣ" иҷро карда шудааст.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳлили мафҳум, принсипҳо, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар робита бо ақидаҳои назариявӣ ва дар асоси қонунгузории дорои тамоюли иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Мақсади зикршуда ҳалли вазифаҳои зерини таҳқиқотиро тақозо менамояд:

- муайян намудани хусусиятҳои робитаи байни ҳуқуқ ва иқтисодиёт аз нигоҳи назарияҳо ва самтҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ;
- муайян намудани мафҳум, моҳият, вазифа, навъҳо ва функсияҳои бозор ва аз нуқтаи назари илми ҳуқуқшиносӣ тавсиф додани онҳо;
- асоснок намудани муносибатҳои ҳуқуқии бозоргонӣ ҳамчун шакли мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ, таснифоти он;
- таҳлили таносуби асосҳои давлатӣ ва бозорӣ дар идоракунии иқтисодиёти давраи гузариш;
- таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ;
- таҳлили принсипҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ ва сатҳи таҳкими онҳо дар қонунгузорӣ ва раванди татбиқи онҳо;
- таҳқиқи навъу усулҳои танзими ҳуқуқӣ, алоқамандӣ ва фарқияти онҳо;
- муайян намудани шарту омилҳои дигаргуншавии низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар заминаи таҳлили қонунгузории иқтисодӣ ва соҳаҳои ҳуқуқи дорои тамоюли иқтисодии Тоҷикистон.

**Объекти** таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои бозоргонӣ, ки дар ҷараёни танзими ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, ташкил медиҳанд.

**Предмети** таҳқиқоти илмиро қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғояҳо ва консепсияҳо оид ба принсипҳо, навъҳо, усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ, проблемаҳои рушд ва тағйирёбии қонунгузории иқтисодӣ ва соҳаҳои ҳуқуқи дорои тамоюли иқтисодии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Асоси назариявии** таҳқиқотро асарҳои олимони ҳуқуқшиноси давраи шӯравӣ ва муосири тоҷик ва рус дар самтҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ ташкил медиҳанд. Асоси илмии рисолаи номзадиро асарҳои Ойгензихт В.А., Исмоилов Ш.М., Раҳимзода М.З., Сотиволдиев Р.Ш., Шонасруддинов Н., Муртазоқулов Ҷ.С., Сангинов Д.Ш., Менглиев Ш.М., Ғаюров Ш.К., Каримов А.К., Маҳмадшоев Ф.А., Меликов У.А. ва муаллифони дигари ватанӣ ва асарҳои олимони рус Алексеев С.С., Баншток Ф.И., Белых В.С., Ведяхин В.М., Венгеров А.Б., Жилинский

С.Э., Иоффе О.С., Кашанина Т.В., Комаров С.А., Малко А.В., Коркунов Н.М., Лазарев В.В., Лившитс Р.З., Мартемянов В.С., Попондопуло В.Ф., Матузов Н.И., Морозова Л.А., Нерсесянс В.С., РадкоТ.Н., Сирих В.М., Талапина Э.В., Тихомиров Ю.А., Тотев К.Ю., Халфина Р.О., Четвернин В.А., Чиркин В.Е., Баландин В.А., Безбах В.В., Пугинский В.К., Брагинский М.И., Витрянский В.В., Дойников И.В., Эриашвили Н.Д., Рассолов М.М., Манов Г.Н., Лаптев Л.Л. ва диг. ташкил медиҳанд.Дар рисола инчунин асарҳои Василев А.В., Ведяхин В.М., Марданов Р.Д., Ревина С.Н., Халфина Р.О. ва муаллифони дигар, ки бевосита ба таҳқиқи проблемаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Асоси методологии** таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ, аз ҷумла, диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ, мантиқӣ ва инчунин категорияҳои умумиилмии “низом”, “сохт”, “функсия”, “шакл ва мазмун” ва ғ. ташкил медиҳанд. Истифодаи онҳо имкон дод, ки объекти таҳқиқот аз нуқтаи назари рушди он, дар алоқамандӣ бо объектҳои дигар, бо мақсади ташкили сохтори низомии он, инчунин дар пайдарҳамии мантиқӣ таҳқиқ карда шавад.

Дар рисола ба таври васеъ усулҳои хусусии илмии таҳқиқ, аз ҷумла, шаклӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд. Дар асоси усулҳои мазкур таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари мавқеи онҳо дар низоми ҳуқуқ, мазмун, шакли ифода, предмети танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ гузаронида шудааст. Дар асоси усулҳои номбурда таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи татбиқи моделҳои гуногуни танзими бозор дар давлатҳои мухталиф анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** аз он иборат аст, ки дар он таҳлили танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар сатҳи умуминазариявӣ гузаронида шуда, ҳамзамон нуқсони дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ҷойдошта бартараф карда шудааст. Дар диссертатсия таносуби ҳуқуқ ва иқтисодиёт дар низоми гуногуни иҷтимоӣ, таҳлили муқоисавии таҷрибаи ҷаҳонии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ, моделҳои гуногуни иқтисоди бозоргонӣ, мушкилоти бозор, муносибатҳои бозоргонӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ, навъҳо, усулҳо ва принсипҳои он таҳқиқ карда шудаанд. Ҳамчунин қонунгузории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, дурнамои рушди соҳаҳои дорои тамоюли иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Модели танзими давлатӣ-ҳуқуқии иқтисодиёт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, дар натиҷаи бо ҳам мутобиқ намудани моделҳои гуногуни иқтисодиёт – этатистӣ, либералӣ, дорои тамоюли иҷтимоӣ ҳосил мешавад. Дар шароити кунунии Тоҷикистон модели иқтисодии дорои тамоюли иҷтимоӣ, ки унсурҳои модели

этатистӣ ва либералиро фаро мегирад, бартарият дорад. Дар кишварҳои дигар, аз он ҷумла пасошӯравӣ низ чунин раванд мушоҳида мешавад. Ҳамзамон раванди мазкур дар шароити махсуси Тоҷикистон, алалхусус дар давраи гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудааст, амалӣ карда мешавад.

2. Модели иқтисоди бозоргонии дорои тамоюли иҷтимоӣ, ки дар заминаи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор ва Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, модели нави системаи иқтисодӣ буда, дорои нишонаҳои зерин аст: танзими давлатӣ-ҳуқуқии иқтисодиёт дар асоси волоияти принсипҳои иқтисоди бозоргонӣ; самараи захиравӣ, энергетикӣ, экологӣ ва рақобатпазирӣ; шарикии иҷтимоӣ байни давлат, иттифоқи касаба ва соҳибкорон; ҳамоҳангсозии фаъолияти давлат, соҳибкории хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ; ҷалби сармояи хориҷӣ дар асоси шарикии давлатӣ-хусусӣ; даст кашидан аз қолабҳои ҷомеаи истеъмолкунанда; инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ дар робита бо принсипҳои анъанавии фаъолияти коллективӣ, кӯмаки ҳамдигарӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ, анъанаҳои миллӣ, ки манфиатҳои ғаразнок, истисмори меҳнат, бекории оммавӣ, тафриқаи беинтиҳои аҳолиро аз рӯйи даромад истисно мекунанд.

3. Вусъати фаъолияти давлат ва танзими давлатӣ-ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Тоҷикистон бо омилҳои зерин вобастагӣ дорад: оқибатҳои буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва иқтисодӣ; таҳдиду хатарҳои глобалӣ; сиёсати фаъоли иҷтимоии давлат, ки ба ташаккули иқтисодиёти бозоргонии дорои тамоюли иҷтимоӣ нигаронида шудааст; сиёсати тағйирёбандаи андоз; пурзӯр ё сабук кардани сиёсати гумрукии пардохтӣ; сиёсати фаъоли пулӣ ва кредитии давлат.

4. Байни мафҳумҳои "танзими ҳуқуқии иқтисодиёт" ва "танзими давлатии иқтисодиёт" фарқияти куллӣ ҷой дорад. Танзими ҳуқуқии иқтисодиёт мисли навъҳои дигари танзими ҳуқуқӣ, истифодаи тарзу восита ва усулҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро тақозо мекунад. Танзими давлатии иқтисодиёт бошад, истифодаи маҷмӯии воситаҳои ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам ғайриҳуқуқиро (ташкилӣ, иттилоотӣ, техникиву технологӣ, маъмурӣ ва ғ.) дар назар дорад. Модели омехтаи танзими давлатӣ-ҳуқуқии иқтисодиёти Тоҷикистон тарзу воситаҳо ва усулҳои танзими давлатӣ-ҳуқуқиро бо бартарияти чораҳои ҳуқуқӣ ба ҳам мепайвандад, ки ба принсипи волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд мувофиқат мекунад.

5. Муносибатҳои бозоргонӣ ба маънои маҳдуд муносибатҳои моливу пулӣ, молумулкӣ оид ба азхудкунӣ ва ё ихтиёрдории неъматҳои моддӣ, ба маънои васеъ бошад, муносибатҳои андоз, гумрукӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва инчунин муносибатҳои вобаста ба ҳифзи иҷтимоии субъектҳои бозор, кормандон ва аҳолии камбизоат мебошад.

Муносибатҳои бозоргонӣ на танҳо соҳаи муомилоти мол, балки соҳаи фаъолияти давлатро, ки бо танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо алоқамандӣ дорад, фаро мегиранд. Муносибатҳои бозоргониро ҳам меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ (соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, меҳнатӣ ва ғ.) ва ҳам меъёрҳои хуқуқи оммавӣ (маъмурӣ, ҷиноятӣ, молиявӣ, андоз ва ғ.) танзим менамоянд. Мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқии онҳо ба ҳам алоқаманданд.

6. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар асоси навъҳои танзими умумиҷоизӣ ва иҷозатдодашуда, истифодаи маҷмӯи усулҳои танзими ҳуқуқӣ сурат мегирад. Принсипҳои махсуси ҳуқуқии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ инҳо мебошанд: дахлнопазирии моликияти хусусӣ ва баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, озодии иқтисодӣ ва баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозоргонӣ; ташаккули заминаи қонунгузории самараноки иқтисоди бозоргонӣ, инкишоф ва дастгирии рақобати озод ва танзими зиддиинҳисорӣ; ба даст овардани фоида; танзими давлатӣ-ҳуқуқии оқилонаи муносибатҳои бозоргонӣ.

7. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки муносибатҳои бозоргонӣ дар доираи модели монистӣ ва ё дуалистии танзими ҳуқуқӣ сурат мегирад. Айни ҳол танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи модели монистӣ ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин, оиди бартарияти назарияи монистӣ ва дуалистӣ то ҳол баҳсҳои илмӣ давом доранд.

8. Ҳуқуқи иқтисодӣ ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ, соҳаи мустақили илм ва фанни таълимӣ пазируфта мешавад. Ҳуқуқи иқтисодӣ соҳаи танҳо ҳуқуқи хусусӣ шуда наметавонад, зеро худи ақидаи ҳуқуқи иқтисодӣ бо дахолати давлат ба иқтисодиёт ва танзими давлатии иқтисодиёт алоқаманд аст. Ҳуқуқи гражданӣ, тиҷоратӣ, соҳибкорӣ, ки бо ҳуқуқи иқтисодӣ робитаи зич доранд, соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ маҳсуб меёбанд. Қонунгузорӣ дар соҳаи иқтисодиёт низ хусусияти комплексӣ дорад ва аз меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ ташаккул меёбад.

9. Ақидаи "ҳуқуқи ҷаҳонӣ", ки танзими ҳуқуқии фарогири муносибатҳои ҳам оммавӣ ва ҳам хусусӣ, аз он ҷумла соҳаи иқтисодро сарфи назар аз манфиатҳои миллӣ дар назар дорад, бояд аз нигоҳи танқидӣ тавсиф гардад. Назарияи мазкур дар шароити Тоҷикистон қобили қабул нест, зеро ҳимояи манфиатҳои миллиро таъмин намекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар навгонии таҳқиқот, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда, маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ифода меёбад.

**Тавсифи диссертатсия.** Диссертатсия дар шуъбаи проблемаҳои назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ташхиси пешакии ҳамаҷониба гузашта, ба ҳимоя тавсия шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедра ва семинари илмӣ-назариявии назди кафедра дар раванди муҳокима ва маърӯза ба маълумоти умум расонида шудаанд.

**Тавсифи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар шакли маърӯза дар конференсияҳои зерин пешниҳод гардидаанд:

1. «Оид ба масъалаи мавқеи қонунгузории иқтисодӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба ҷашни 20-солагии сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Парчами миллӣ, 26 ноябри соли 2012 - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 2012. - С.67-69.
2. «Нақш ва мавқеи давлат дар шароити ташаккули иқтисодиёти бозоргонӣ» // Конференсияи XXVIII илмӣ-амалии байналмилалии “Баҳси илмӣ: масъалаҳои ҳуқуқшиносӣ”, 7 августи соли 2014. - Маркази байналмилалии маориф ва илм, ш. Москва, 2014. - С. 5-13.
3. «Табаддулоти низоми ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ» // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Низомҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ: вазъи кунунӣ ва проблемаҳо» бахшида ба фаъолияти илмии ходими намоёни илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Менглиев Ш.М.», 23 октябри соли 2015, ш.Душанбе. Душанбе, 2015. - С.162-168.
4. «Мазмуни ҳуқуқии моликият» // Конференсияи V байналмилалии илмӣ-амалии «Низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ: таҳлили тамоюлҳо ва дурнамои рушд», 31 октябри соли 2017, Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон, ш. Душанбе, 2017. – Душанбе, 2017. - С. 125-129.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таълим ҳангоми хондани лексияҳо аз фанҳои таълимии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи тиҷоратӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ» дар Институти иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гаштаанд.

Аз рӯйи мавзӯи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф 15 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** бо ҳадафҳо, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқоти илмӣ асоснок карда шуда, аз сарсухан, ду боб ва ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиётҳои аз ҷониби муаллиф истифодашуда иборат аст. Рисолаи номзадӣ тибқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст. Ҳаҷми рисола 195 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамият, сатҳи таҳқиқ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асоси илмӣ-методологии диссертатсия, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, сатҳи тавсиби он асоснок карда шудааст.

**Боби якум – «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии алоқамандии ҳуқуқ ва бозор»** аз чор зербоб иборат аст. Дар зербоби якум – **«Алоқамандии ҳуқуқ ва иқтисодиёт»** масъалаҳои алоқамандӣ ва таъсири мутақобилаи зуҳуроти ҳуқуқиву иқтисодӣ тавассути омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва амалияи ватанӣ омӯхта шудаанд.Масъалаи таъсири мутақобилаи давлат, иқтисодиёт ва ҳуқуқ масъалаи басо мураккаб ва бисёрҷабҳа буда, ҳалли яктарафаи он номумкин аст. Дар ҳалли масъалаи мазкур ғайр аз давлат ва ҳуқуқ унсурҳои дигар, ба мисли сиёсӣ, миллӣ, тамаддунӣ низ ширкат меварзанд. Алоқамандии давлат, ҳуқуқ ва иқтисодиёт таъсири мутақобилаи давлатро ба иқтисодиёт, ки аз шароитҳои воқеии сиёсиву иқтисодии давлати муайян вобастагӣ дорад, истисно намекунад. Масалан, дар давлатҳои сотсиалистӣ солҳои тӯлонӣ усулҳои маъмурӣ-фармоишии идоракунии иқтисодиёт нисбат ба танзими меъёрии ҳуқуқӣ бартарият доштанд. Қонуниятҳои объективии иқтисодӣ ба эътибор гирифта намешуданд, ки ин ба вайрон шудани таносуби давлат ва иқтисодиёт оварда расонид. Давлат на танҳо бевосита ба фаъолияти иқтисодӣ дахолат мекард, балки ба воситаи ҳизби роҳбарикунанда меъёрҳои фармоишии ҳатмӣ муқаррар менамуд, ки вазифаи меъёрҳои ҳуқуқиро иҷро мекарданд. Таносуби иқтисодиёт ва ҳуқуқ чунин буд, ки иқтисодиёт аз ҷониби давлат ва ҳизби роҳбарикунанда идора карда мешуд. Айни замон рушди ҷомеа ба ғояҳои сотсиализм тағйирот ворид мекунад. Масалан, дар шароити кунунӣ унсурҳои алоҳидаи сотсиализм (банақшагирӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ва ғ.) аз ҷониби давлатҳои ғарб низ истифода мешаванд, иқтисодиёти сотсиалистӣ бо механизми бозоргонӣ пайваст карда мешавад (Хитой ва ғ.).

Иқтисодиёти капиталистӣ бошад, сараввал ба ғояҳои баробарӣ, озодӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ асос меёбад. Аксари давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешқадам ба иқтисодиёти бозоргонӣ асос меёбанд. Аммо низоми мазкури иҷтимоӣ идеалӣ нест, зеро он аз бухронҳо, бекорӣ, таваррум эмин нест. Аз нуқтаи назари либералҳо, давлат ҳангоми додани озодии мутлақ ба иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ танҳо қоидаҳои

умумиро, ки барои танзими доираи васеи муносибатҳо мувофиқат мекунанд, бояд муқаррар кунад. Аммо дар асрҳои XX-XXI шароит дар самти танзими муносибатҳои бозоргонӣ тағйир ёфт, мақоми давлат дар ҳалли проблемаҳои калидии рушди ҷомеа, аз ҷумла дар иқтисодиёт баланд шуд. Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд нуфузи ҳуқуқ боло рафта, дар баробари ин танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ ба сатҳи нав мебарояд. Аз як тараф хатарҳо ва таҳдидҳои глобалӣ, бартараф намудани оқибатҳои бухрони иқтисодиву молиявӣ вусъати фаъолияти давлатро дар ҳалли проблемаҳои ҳаётан муҳим дар ҳамбастагӣ бо танзими ҳуқуқӣ талаб мекунад. Аз тарафи дигар дар шароити ҷаҳонишавӣ ва татбиқи барномаҳои глобалӣ аз ҷониби давлатҳои мутараққӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба мадди аввал мебарояд. Дар ин замина танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои инкишофи таърихӣ, миллӣ, фарҳангии халқҳо аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа аз назари нав ҳал намудани проблемаҳои алоқамандии ҳуқуқ ва иқтисодиётро талаб мекунад. Ҳуқуқ бо шароити иқтисодӣ вобастагӣ дошта, айни замон ба муносибатҳои иқтисодӣ таъсири ҳалкунанда расонида метавонад. Ҳуқуқ бояд ба рушду нумуи иқтисодӣ такон бахшад, ба мустақилият ва ташаббуси иқтисодӣ мусоидат кунад. Моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият, аз он ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон модели иқтисоди бозоргонии дорои тамоюли иҷтимоӣ дар давраи гузариш ба рушди устувор амалӣ шуда истодааст. Рушди устувор инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар назар дошта, ба қонеъ гардонидани талаботи инсон тавассути нигаҳдории муҳити зист равона карда шудааст. Ба ин васила на танҳо насли ҳозира, балки наслҳои оянда низ метавонанд талаботи худро ҳаматарафа қонеъ гардонанд.

Дар зербоби дуюм – **«Мафҳум, навъҳо, функсияҳои бозор ва аҳамияти танзими ҳуқуқии он»** аҳамияти танзими ҳуқуқии бозор дар замони муосир таҳлил карда шудааст. Бозор танҳо бозори молӣ нест. Он соҳаи муомилоти маҳсулоти ивазнашаванда ё ивазшаванда дар қаламрави муайян ё ҷузъи он нест. Агар мафҳуми мазкури бозор ба асос гирифта шавад, пас муносибатҳои андоз, бонкӣ, иҷозатномадиҳӣ аз мадди назар дур мемонанд. Бидуни ин муносибатҳо фаъолияти соҳибкорӣ ҷой надоранд. Гузашта аз ин, муносибатҳои бозоргонӣ на

танҳо муносибатҳои марбут ба фаъолияти субъектони соҳибкорӣ, балки фаъолияти мақомоти қонунгузори ҳокимияти давлатӣ, фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, сохторҳои гумрукиву молиявӣ, ки дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои хизматӣ бо қарорҳои худ ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири калон мерасонанд, маҳсуб мешаванд, гарчанде худ иштирокчии муносибатҳои соҳибкорӣ нестанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки иқтисодиёти бозоргонӣ дар шакли соф вуҷуд надорад. Сиёсати андоз, нархгузорӣ, зиддиинҳисорӣ, таъминоти иҷтимоии шаҳрвандон ва самтҳои дигари муҳимми фаъолияти иқтисодӣ то ҳадди имкон дахолат ва танзими давлатиро талаб менамояд. Бозори муосир дар ҳамаи давлатҳои мутараққӣ танзимшаванда аст.Он тавассути на танҳо воситаҳои иқтисодӣ, балки тарзҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ низ танизим карда мешавад. Солҳои охир давлатҳои дорои нишондиҳандаҳои пешрафти иқтисодӣ аз ҷумлаи кишварҳое мебошанд, ки нақши асосиро дар иқтисодиёти онҳо давлат мебозад, зеро раванди ҷаҳонишавии фарогири муносибатҳои озоди бозоргонӣ барои давлатҳои қафомонда имконияти ба давлатҳои мутараққӣ баробар шуданро фароҳам намеорад.

Объекти таҳқиқи диссертатсия муносибатҳои бозоргонӣ маҳсуб мешавад. Аз ин хотир, дар ҷараёни таҳқиқот истилоҳоти «таъсиррасонии ҳуқуқӣ» ва «танзими ҳуқуқӣ» таҳлил карда шудаанд. Ба ақидаи муаллиф, танзими ҳуқуқӣ як шакли таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба шууру рафтори одамон тариқи воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ мебошад.

Якчанд принсипҳои таснифоти бозор ҷой дорад. Аз рӯйи хусусияти молу маҳсулот бозори молҳои тайёр, бозори захиравӣ ва бозори молиявӣ-қарзӣ тасниф карда мешаванд. Аз рӯйи шартҳои дар бозор амалкунанда, бозори рақобати мукаммал ва бозори рақобати номукаммал ҷудо карда мешаванд. Дар илми муосир инчунин моделҳои гуногуни ташкили иқтисоди бозоргонӣ пешкаш карда мешаванд. Таҳти мафҳуми “модел” намунаи назариявии фаъолияти муайян фаҳмида мешавад. Модели назариявӣ нишонаҳо ва хусусиятҳои умумии инкишофи иқтисодиро инъикос намуда, оид ба воқеият маълумоти аниқро пешкаш мекунад.

Бо дарназардошти навъи низоми иқтисодӣ-иҷтимоӣ иқтисоди бозоргонии давлатҳои давраи гузариш ва давлатҳои дорои муносибатҳои мукаммали бозоргонӣ, ки дар ҳудуди онҳо моделҳои гуногуни иқтисодӣ татбиқ мешаванд, тасниф карда мешавад. Дар ин замина, масалан, моделҳои амрикоӣ, ҷопонӣ, шведӣ, олмонӣ ва дигар

ҷудо карда мешаванд. Аз нуқтаи назари таърихи умумии иқтисодӣ чор модели асосии ташкили бозор - инкишофнаёфта, озод, танзимшаванда ва шакливазкарда ҷудо карда мешаванд. Модели аввал ба иқтисодиёти тарзи токапиталистии иқтисодиёт, модели дуюм ба капитализми рақобати озод, модели сеюм ба давлатҳои муосири мутараққӣ, модели чорум ба иқтисодиёти мутамаркази нақшавӣ мутобиқ аст. Ҳамаи моделҳои низоми бозоргонӣ ба таври объективӣ аз иқтисодиёти танзимшаванда ба вуҷуд омадаанд. Вобаста ба сатҳи дахолати давлат ба иқтисодиёт, навъҳо ва усулҳои танзими фаъолияти хоҷагидорӣ намудҳои гуногуни иқтисодиёти бозоргонии танзимшаванда ҷудо карда мешаванд. Ҳадди иштироки давлат дар ҳаёти иқтисодӣ дар робита бо сатҳи инкишофи ҷомеа, хусусиятҳои миллӣ ва мавқеи геосиёсии ҳар як давлати алоҳида муқаррар мегардад. Дар ҳалли масъалаи мазкур  на ба миқдор, балки ба сифат бояд аҳамият дод.

Ҳангоми таҳлил намудани бозор ҳатман функсияҳои онро низ мебояд таҳқиқ намуд. Дар адабиёти илмии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ функсияҳои зерини бозор ҷудо карда мешаванд: муттаҳидкунӣ, танзимсозӣ, ҳавасмандгардонӣ, нархгузорӣ, назоратӣ, миёнаравӣ, иттилоотӣ.

Дар зербоби сеюм – **«Оид ба таносуби заминаҳои давлатӣ ва бозоргонии идоракунии иқтисодиёт»** муаллиф  қайд  мекунад, ки масъалаи мазкур дар ҳар як давлати алоҳида ба таври мушаххас бояд ҳал карда шавад. Андозаи чунин таносуб ба мақсаду усулҳо, моделҳои механизми хоҷагидорӣ ва нақши давлат дар рушди иқтисодиёт вобаста аст. Зиёда аз ин, таносуби давлат ва бозор др иртибот бо мафкураи элита тағйир ёфта метавонад. Дар шароити буҳронӣ бошад, нақши танзими давлатӣ баланд мешавад. Таърих гувоҳ аст, ки дар тӯли  асри  XX ягон давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққиёфта аз ширкат дар ҳаёти иқтисодӣ рӯй нагардонидааст. Бозори аз давлат озод дар асл фарзияи назариявӣ аст. Дар ҳаёти воқеӣ бошад, давлат иштирокчии фаъоли муносибатҳои бозоргонӣ мебошад. Дар воқеъ, дар ҳаёти иқтисодии ҳар як давлат соҳаҳое вуҷуд доранд, ки бахши хусусӣ аз уҳдаи идораи онҳо намебарояд. Чунончи, сохтмон ва таъмиру нигоҳдории роҳҳо, аз ҷумла роҳи оҳан, истифодаи воситаҳои алоқа, технологияи атомӣ ва кайҳонӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолии камбизоат, таъмини иқтидори мудофиавии давлат ва дагарҳо иштироки давлатро талаб мекунанд. Давлат ба воситаи танзими ҳаёти иқтисодӣ ва таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иқтисодӣ аз манфиатҳои ҷомеа пуштибонӣ мекунад. Дар ин ҷода давлат бояд нигоҳдорӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъмин созад, истифодаи

оқилонаи сарватҳои табииро ба роҳ монад, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат диҳад.

Ҷараёни иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани нақши омилҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёт дар маҷмӯъ ба таносуби давлат ва иқтисодиёт таъсири худро мерасонанд. Ислоҳоте, ки бо ташаббуси давлат гузаронида мешавад, бояд барои кулли аҳолӣ оммафаҳм бошад, ниёзи шаҳрвандонро қонеъ гардонад, ба афзоиши боварии щаҳрвандон ба ҳокимияти давлатӣ мусоидат намояд. Ҳар як давлат бояд роҳи рушди мустақилонаи хешро дарёфт намояд, ба тақлидкорӣ ва нусхабардории моделҳои иқтисодии ғарбӣ роҳ надиҳад. Шаклҳои гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ то ҳадди имкон хусусиятҳои миллӣ ва мавқеи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бояд ба эътибор гиранд. Дар ин ҷода мақоми қонунгузор, ки вазифаи аввалиндараҷаи он қабули қонунҳои босифат дар соҳаи танзими муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, нақши муҳим мебозад. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои асосӣ дар соҳаи иқтисодиёт, стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар ин самт қабул шудаанд ва то ҳол ин ҷараён идома дорад.

Иқтисоди бозоргонӣ ва дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, асоси рушди иқтисодӣ ва давлатдорӣ аст. Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, кафолатҳои конститутсионии озодии иқтисодиву соҳибкорӣ, ки қонун манъ накардааст, озодии рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ, шомил шудани давлат ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ташаккули фазои мусоидаткунандаи ҳуқуқӣ, кафолат ва ҳифзи ҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ омилҳои асосии рушди соҳибкорӣ ва такомули он дар ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Баробари васеъ шудани муколама ва шарикии давлату бахши хусусӣ дастгирии давлатии соҳибкорӣ боз ҳам хубтар ба роҳ монда мешавад.

Зербоби чоруми боби якуми рисола – **«Таҷрибаи ҷаҳонии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ»** ба омӯзиши таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ дар роҳи бунёди иқтисоди бозоргонӣ бахшида шудааст. Муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки намунаи ягонаи иқтисодиёт барои ҳамаи давлатҳо вуҷуд надорад. Қонуниятҳои хос, мавқеи ҷуғрофӣ, анъанаҳои таърихӣ, принсипҳои танзими ҳуқуқии иқтисодиёт ба низоми иқтисодӣ-иҷтимоии давлати мушаххас таъсир мерасонанд. Мақсади омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии танзими ҳуқуқии иқтисодиёт ба даст овардани маълумот роҷеъ ба моделҳои гуногуни иқтисодӣ, амалигардонии механизмҳои иқтисоди бозоргонӣ дар системаҳои

гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ, имконияти истифода ва татбиқи онҳо дар шароити Тоҷикистон мебошад.

Дар ҷаҳони муосир тамоюли ивазшавии тарзу воситаҳои танзими иқтисодиёт мушоҳида мешавад. Аммо бо боварии том метавон гуфт, ки давлат имрӯз вазифаи "посбони шабона"- ро иҷро намекунад. Акнун мавзӯи баҳс он аст, ки кадом соҳаҳои иқтисодиёт бештар ба танзими давлатӣ эҳтиёҷ доранд, танзими давлатии иқтисодиёт тавассути кадом усулҳо амалӣ мегардад, ҳадди ниҳоии танзими давлатии иқтисодиёт кадом аст.

Илми муосир тибқи анъана низомҳои иқтисодиро чунин тасниф мекунад: бозоргонӣ, фармоишӣ ва омехта; тоталитарӣ, либералӣ ва омехта. Иқтисоди бозоргонӣ танҳо бо модели этатистии иқтисодиёт маҳдуд намешавад. Иқтисоди бозоргониро ба ду намуд тақсим намудан мумкин аст: либералӣ ва иҷтимоӣ.

Боби дувуми рисола – **«Принсипҳо, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили принсипҳо, усулҳо, навъҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ, рушди қонунгузории бозоргонӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якум – **«Принсипҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ»** принсипҳои умумиилмӣ ва махсуси танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ таҳлил карда шудаанд. Принсипҳои ҳуқуқ, ки категорияи маркази назарияи ҳуқуқ маҳсуб мешаванд, сифатҳои асосии ҳуқуқро ифода менамоянд. Ба таври умумӣ, принсипҳои ҳуқуқ асосҳои муҳимтарин мебошанд, ки ба таври объективӣ дар ҳуқуқ мустаҳкам гардидаанд. Онҳо қоидаҳои асосӣ мебошанд, ки ба самти рушди ҳуқуқ ишора мекунанд. Ин принсипҳо дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардидаанд ё аз мазмуни қонунгузорӣ бармеоянд. Чунончи, принсипҳои инсондӯстӣ, адолат, башардӯстӣ аз ҷумлаи чунин принсипҳои умумӣ мебошанд.

Принсипҳои умумиилмии пазируфтаи ҳуқуқ, ки зимни танзими муносибатҳои хусусӣ ва бозоргонӣ истифода мешаванд, инҳоанд: ҳар чизе, ки манъ нашудааст, ҷоиз аст; озодии шартнома; шартнома бояд риоя шавад (*Pacta sunt servanda*); ба ҳуқуқи субъективӣ ҳамеша уҳдадории ҳуқуқӣ рост меояд; надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад (*Ignorantia legis neminem excusat*); қонуне, ки ҳолати айбдоршавандаро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад; ҳеҷ кас барои ҳамон як ҷиноят ду бор ҷазо дода намешавад (*bis de eadem re non sit actio*); фарзияи бегуноҳӣ. Принсипҳои зикршуда дар муносибатҳои бозоргонӣ низ истифода мешаванд. Ҳамин тавр, принсипи "ҳар он чизе, ки қонун манъ накардааст, ҷоиз аст" принсипи асосии ҳуқуқи хусусӣ буда, дар танзими муносибатҳои бозоргонӣ нақши муҳим мебозад.

Принсипҳои ҳуқуқ ҳолати воқеии ҷомеаи мусир, сиёсати давлат ва самтҳои рушди қонунгузориро инъикос мекунанд. Онҳо шароити объективии ҳаёти ҷомеаро инъикос менамоянд. Ҷараёни ташаккули бозор бояд ба принсипҳои муайян асос ёбад. Дар доираи илмҳои соҳавии

ҳуқуқӣ ин ғайриимкон аст, зеро ҳар як соҳаи ҳуқуқ бозорро аз нуқтаи назари худ тавсифдода, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки меъёрҳои соҳаи худро мукаммал гардонад. Такмил ва коркарди меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ бо коркарди принсипҳои умуминазариявии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ алоқаманд аст.

Принсипҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ чун масъалаи кушод боқӣ мемонад, зеро номгӯйи принсипҳои мазкур вобаста ба ақидаҳои илмии олимон, марҳилаи рушди соҳаи таҳқиқоти илмӣ тағйир меёбад. Ба таври умумӣ принсипҳои зерини танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргониро пешкаш карда мешаванд: дахлнопазирии моликияти хусусӣ ва баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият; озодии иқтисодӣ ва баробарҳуқуқии субъектони муносибатҳои бозоргонӣ; ташаккули қонунгузории самараноки иқтисоди бозоргонӣ; ҳимоя ва дастгирии рақобати озод ва танзими зиддиинҳисорӣ; ба даст овардани фоида; танзими оқилонаи давлатӣ-ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ.

Дар зербоби дувум – **«Навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ»** таҳти мафҳуми навъҳо унсурҳои заминавии механизми танзими ҳуқуқӣ дар назар дошта шудааст. Навъҳои танзими ҳуқуқӣ меъёрҳои иҷозатдиҳанда ва манъкунандаро фаро мегиранд. Навъи танзими ҳуқуқӣ ба самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ишора намуда, хусусиятҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунад. Навъи танзими ҳуқуқӣ як зумра усулҳоро дар бар гирифта метавонад ва аз ин лиҳоз, дар муқоиса бо усулҳои танзими ҳуқуқӣ, мафҳуми умумӣ аст.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан ду навъи танзими ҳуқуқиро ҷудо мекунанд: умумиҷоизӣ ва иҷозатдиҳанда.

Навъи танзими умумиҷоизӣ ба соҳаҳои хусусии ҳуқуқ хос аст. Дар ин соҳаҳо ҳаҷми меъёрҳои манъкунанда калон набуда, аниқ муқаррар шудаанд. Ин навъи танзими ҳуқуқӣ ба мустақилият, ташаббускорӣ дар интихоби намуди фаъолият ё ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ мусоидат мекунад. Чунончи, қонун ҳуқуқи машғул шудан бо намуди дилхоҳи фаъолияти иқтисодӣ ва ба даст овардани фоидаро пешбинӣ мекунад, агар ин фаъолият бар хилофи тартиби муқарраркардаи қонун набошад. Айни замон фаъолияти беназорат ва номаҳдуди меъёрҳои иҷозатдиҳанда ба ҷомеа ва шахсони алоҳида зарар расонида метавонад. Имрӯз дар ҷомеа муносибатҳои зиёди ҷамъиятӣ пайдо шудаанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим нашудаанд. Аз як тараф онҳо аз доираи ҳуқуқ берун набароянд ҳам, аз тарафи дигар ба шуури одамон таъсир расонда, фазои ҷомеаро халалдор месозанд. Дар иртибот бо ин масъала нақши муҳими шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, алалхусус ҷавонон таъкид мешавад.

Меъёрҳои ҳуқуқ ҳуқуқи субъективии шаҳрвандро ба ҳамаи амалҳое, ки қонун манъ накардааст, кафолат медиҳанд. Аз ин мебарояд, ки ин амалҳо таҳти ҳимояи қонун қарор доранд, аммо метавонанд бар хилофи

меъёрҳои одобу ахлоқ бошанд. Вазифаи ҳуқуқ дарёфти роҳи дурусти ҳалли ин гуна мушкилот аст. Албатта, иваз намудани навъи танзими иҷозатдиҳӣ ба манъкунӣ роҳи ҳалли масъала нест. Баръакс, ин поймол кардани принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд аст. Бояд соҳаҳои истифодаи принсипи мазкур аниқ карда шаванд ва механизмҳои танзими ҳуқуқии меъёрҳои иҷозатдиҳанда аниқ муайян карда шаванд.

Навъи дувуми танзими ҳуқуқӣ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ вазифаи риояи қатъии қоидаҳои дар қонун муқарраршударо вогузор мекунад. Дар натиҷа субъекти муносибати ҳуқуқӣ танҳо амалҳоеро анҷом дода метавонад, ки дар қонун иҷозат дода шудаанд. Амалҳои дигар манъ карда мешаванд. Ин навъи танзими ҳуқуқӣ ба меъёрҳои манъкунанда асос ёфта, дар соҳаҳои умумии ҳуқуқ, ки бо танзими давлатӣ алоқамандӣ доранд, истифода мешавад. Навъи зикршудаи танзими ҳуқуқӣ дар ягон ҳолат набояд озодиро маҳдуд созад ва ё садди роҳи ташаббусу фаъолияти соҳибкории субъектҳои муносибатҳои бозоргонӣ гардад.

Агар навъи танзими умумиҷоизӣ бо озодии иҷтимоӣ алоқаманд бошад, пас танзими иҷозатдиҳанда бо уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва ҷавобгарӣ робита дорад. Аҳамияти навъи танзими иҷозатдиҳанда дар он ифода меёбад, ки амалҳои субъектҳо аниқ ва муайян буда, дар доираи қонун сурат мегиранд. Масалан, меъёрҳои манъкунанда фаъолияти шахсони мансабдор, мақомоти давлатиро фаро мегиранд, онро дар чорчӯбаи қонун муқаррар мекунанд. Ин ба амалҳои худсаронаи онҳо имкон намедиҳад.

Ба навъи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ омилҳои зайл таъсир мерасонанд: анъанаҳои таърихӣ, менталитети миллӣ, сатҳи инкишофи ҷомеа ва фарҳанг, соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ. Чунончи, дар Ҷопон сатҳи ҷинояткории коррупсионӣ хеле паст буда, мансабдорон сифатҳои шахсии ҳалолкорӣ ва поквиҷдонӣ доранд. Чунин ҳолат на бо муқаррар намудани меъёрҳои зиёди манъкунанда, балки бо фарҳангу анъанаҳои миллии халқ вобаста аст.

Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ навъи танзими ҷоизӣ-вазифадоркунанда низ ҷудо карда мешавад. Навъи танзими мазкур вазъи ҳуқуқии шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ ва давлатро муайян менамояд. Ба субъекти ҳуқуқ доираи ваколатҳое дода мешавад, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ басанда аст. Аммо ин навъи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ минбаъд паҳн нагардид.

Усули танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз нигоҳи илми назарияи давлат ва ба маънои маҷмӯи тарзҳо ва воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба рафтори одамон тавсиф мегардад. Дар зери мафҳуми “усули танзими ҳуқуқӣ” тарзу воситаҳои махсус, ки дар ҷараёни танзими ҳуқуқии намудҳои дахлдори муносибатҳои ҷамъятӣ истифода мешаванд, фаҳмида мешавад. Чунончи, зимни танзими ҳуқуқии

муносибатҳои соҳибкорӣ усули мухторияти қарор, усули навиштаҷоти ҳатмӣ, усули тавсиядиҳӣ истифода мешаванд.

Дар зербоби сеюм – **«Тағйири низоми ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ»** навгониҳои соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, ки ба тағйироти куллии низоми ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд, таҳлил карда шудаанд. Шароитҳои нав ташаккули соҳаҳои нави ҳуқуқ ва қонунгузориро тақозо мекунанд. Муносибатҳои иқтисодии тағйирёбанда зарурияти қабули меъёрҳои ҳуқуқии навро, ки ба шароити бозор ҷавобгӯ мебошанд, рӯйи кор оварданд. Тайи солҳои охир дар Тоҷикистон соҳаҳо ва зерсоҳаҳои нави ҳуқуқ ташаккул ёфтанд. Масалан, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи гумрукӣ, ҳуқуқи асъорӣ, ҳуқуқи буҷетӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ташаккулу инкишоф меёбанд. Дар адабиёти илмӣ истилоҳоти «ҳуқуқи иқтисодӣ», «қонунгузории иқтисодӣ», «иқтисодиёти ҳуқуқӣ» васеъ истифода мешавад.

Дар илми муосир ба истилоҳи "ҳуқуқи иқтисодӣ" таърифи аниқ дода намешавад. Ҳуқуқи иқтисодӣ яке аз унсурҳои низоми ҳуқуқ буда, барои танзими муносибатҳои иқтисодӣ хизмат мекунад. Ҳуқуқи иқтисодӣ ва қонунгузории иқтисодӣ соҳаҳои комплексии ҳуқуқ ва қонунгузорӣ буда, аз меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ ва умумӣ иборатанд. Ба назари муаллиф, ҳуқуқи иқтисодиро ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ, соҳаи мустақили илм ва фанни таълимӣ мебояд баррасӣ кард.

Низоми ҳуқуқи иқтисодӣ ба се зернизоми мустақил ҷудо карда мешавад: дохилидавлатӣ, байнидавлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии байналмилалӣ. Сарчашмаҳои ҳуқуқи иқтисодии дохилидавлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаҳои дорои мазмуни меъёрӣ, одатҳои ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои иқтисодиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунанд, маҳсуб мешаванд.

Шартномаҳои дутарафа ва бисёртарафа, ки муносибатҳои иқтисодии ду ва ё зиёда давлатҳоро танзим мекунанд, сарчашмаҳои ҳуқуқи иқтисодии байнидавлатӣ мебшанд. Ҳуқуқи иқтисодии байналмилалӣ маҷмӯи принсипҳо ва меъёрҳое мебошад, ки муносибатҳои иқтисодии байни субъектони ҳуқуқи байналмилалиро танзим менамояд.

Бояд қайд кард, ки иқтисодиёт ба мисли иттилоот, неруи энергетикӣ, фазои ҳавоӣ ва баҳрӣ аз сарҳади як давлати алоҳида берун мебарояд ва падидаи байналмилалӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, дар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ба омӯзиши ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ ҳамчун илми мустақил охири асри XX ташаккул ёфтааст. Ба ақидаи муаллиф, ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ соҳаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ буда, дар баробари ҳуқуқи байналмилалии кайҳонӣ, баҳрӣ, ҳавоӣ, экологӣ амал мекунад.

Дар илми ҳуқуқшиносии ғарб назарияи ҳуқуқи фаромиллӣ маъмул аст. Назарияи мазкур аз ҷониби олими амрикоӣ Ф.С.Джессуп соли 1956 пешкаш шудааст. Ба ақидаи Ф.С.Джессуп, ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ танҳо проблемаҳои сиёсиро дар сатҳи байнидавлатӣ танзим менамояд, аммо масъалаҳои марбут ба бастани шартнома, мусофирати одамон, муомилоти байналмилалии маҳсулот дар сатҳи фаромиллӣ бояд танзим карда шаванд. Ба ибораи дигар, консепсияи ташаккули низоми нави танзими фаромиллӣ пешкаш мешавад, ки бо низоми ҳуқуқи миллӣ алоқаманд набуда, дар асоси риояи меъёрҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ ва қоидаҳои озодии шартнома амал мекунад.

Ғояи «ҳуқуқи ҷаҳонӣ» дар илми ҳуқуқшиносии ғарб низ ҳамин гуна ҳадафҳоро ҳимоя мекунад. Ба андешаи ҷонибдорони ин назария, ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ кулли амалиёти иқтисодиро, ки берун аз ҳудуди як давлат анҷом дода мешаванд, танзим менамояд. Муаллиф бо назарияи мазкур розӣ нест. Ғояи “ҳуқуқи ҷаҳонӣ”, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳам оммавӣ ва ҳам хусусиро дар доираи ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ дар назар дорад, аз лиҳози танқидӣ бояд таҳлил карда шавад. Ғояи мазкур дар шароити Тоҷикистон қобили қабул нест, зеро ҳимояи манфиатҳои миллиро таъмин намекунад.

Қабули меъёрҳои ҷаҳонии фаромиллӣ ташкили ҳукумати ҷаҳониро тақозо мекунад, вагарна кӣ бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ машғул мешавад? Ташкили ин гуна ҳукумат боиси аз даст додани соҳибихтиёрии давлатҳо мегардад, ки ба ҳадафҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат дорад. Айни замон меъёрҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ қабул карда мешаванд, ҳадафҳои дигар доранд. Чунин меъёрҳо дар ҳар як давлат пас аз табдилашон ба меъёрҳои дохилидавлатӣ амал мекунанд. Ҳамзамон мебояд эътироф кард, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ то андоза хусусияти фародавлатӣ доранд. Бар замми ин, солҳои охир чунин хусусияти меъёрҳои байналмилалии умумӣ дар робита бо табаддулоти инқилобӣ, татбиқи муҷозоти (санксияҳои) иқтисодӣ бештар ба мушоҳида мерасад.

Да натиҷаи ҷамъбаст намудани нуқтаҳои назари зикршуда, хулоса пешкаш мешавад, ки ҳуқуқи иқтисодӣ ҳамчун илм мафҳумҳои аниқи илмӣ, предмет ва усулҳои омӯзиши худро надорад. Аз ҳамин лиҳоз, ҳуқуқи байналмилалии иқтисодиро соҳаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ номидан дуруст аст.

Дар диссертатсия ҳамчунин имконияти эътирофи ҳуқуқи иқтисодӣ ба ҳайси соҳаи мустақили ҳуқуқ омӯхта мешавад. Маълум аст, ки соҳаҳои ҳуқуқ аз рӯйи нишонаҳои предмет, усул, сарчашма ва принсипҳои умумӣ аз ҳамдигар фарқ намуда, ҳамчун соҳаи мустақил дар низоми ҳуқуқи давлат пазируфта мешаванд.  Бояд қайд кард, ки солҳои охир ташаккули соҳаҳои нави ҳуқуқ бе асосҳои кофӣ сурат гирифта, боиси заиф гаштани робитаҳои дохилии низоми ҳуқуқ мегарданд.

Азбаски дар низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ ҳуқуқ ба умумӣ ва хусусӣ тақсим карда мешавад, ҳуқуқи иқтисодиро ба соҳаи ҳуқуқи хусусӣ мансуб донистан чандон дуруст нест, зеро ҳуқуқи иқтисодӣ бевосита бо дахолати давлат ба иқтисодиёт ва танзими давлатии иқтисодиёт алоқаманд аст. Ҳуқуқи гражданӣ, тиҷоратӣ, соҳибкорӣ, ки ба ҳуқуқи иқтисодӣ марбутанд, ба соҳаҳои хусусии ҳуқуқ мансуб дониста мешаванд.

Дар Олмон меъёрҳои гуногун, ки дар соҳаи танзими ҳаёти иқтисодӣ истифода мешаванд, ба "ҳуқуқи иқтисодиёт" дохил карда мешаванд. Дар Фаронса бошад, ҳуқуқи иқтисодӣ хусусияти байнисоҳавӣ дорад. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи иқтисодиро шартан соҳаи ҳуқуқ номидан мумкин аст. Ба таркиби ҳуқуқи иқтисодӣ дар давлатҳои номбурда ҳуқуқи хоҷагӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи корпоративӣ дохил мешаванд. Тамоюли рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ба шароити иқтисодии Тоҷикистон низ бевосита таъсири худро мерасонад. Таҳлили комплексии иқтисодиёт бо дарназардошти танзими комплексии конститутсионӣ, хоҷагӣ, маъмурӣ, гражданӣ, меҳнатии ҳаёти иқтисодӣ ҳоло ба талаботи нав ҷавоб намедиҳад ва аз ин хотир, дар ҳаёти имрӯза истифода намешавад. Барои ҳамин, муносибатҳои иқтисодӣ бо истифода аз шаклҳои нави ташкилӣ, тарзу воситаҳои нав ва дар заминаи дастовардҳои илмии навтарин бояд танзим карда шаванд.

Таърихан ҳуқуқи иқтисодӣ дар шакли ҳуқуқи дахолати давлатӣ ба иқтисодиёти капиталистӣ, яъне ҳамчун соҳаи ҳуқуқи оммавӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳуқуқи иқтисодӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун ифода гардида, бо дарназардошти сохти муносибатҳои иқтисодӣ мураттаб карда мешаванд, роҷеъ ба самаранокии танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо маълумот дода, дар робита бо қонуниятҳои рушди ҷомеа инкишоф меёбанд ва аз лиҳози назарияҳои мухталиф тавсиф мегарданд. Ба ақидаи муаллиф, ҳуқуқи иқтисодӣ соҳаи комплексии илм буда, дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи мустақили он пазируфта намешавад.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ бахри рушди оянда асосҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш карда мешаванд.

## Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар маводи интишории зерини муаллиф дарҷ шудаанд:

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд:

1. Бойматова, Д.П. Место и роль государства в развитии экономики Республики Таджикистан. / Д.П. Бойматова. // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия философия и право. - Душанбе, 2010. - № 2. - С. 107-116 (0,6 ҷ.ч).
2. Бойматова, Д.П. Конституционно-правовые основы формирования рыночной экономики в Республике Таджикистан. / Д.П. Бойматова. // Научно-теоретический журнал «Вестник ТГУ ПБП».Серия гуманитарных наук. - Худжанд, 2014. - № 2 (58). - С. 32-37 (0,4 ҷ.ч.).
3. Бойматова, Д.П. О взаимосвязи права и экономики в различных социальных системах. / Д.П. Бойматова. // Вестник Таджикского государственного национального университета (научный журнал).Серия экономических наук - Душанбе: Сино, 2014. - № 2/8 (149). - С. 291-295 (0,3 ҷ.ч.).
4. Бойматова, Д.П. Соотношение экономических отношений с категорией собственности. / Д.П. Бойматова. // Вестник Таджикского государственного национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук.- Душанбе: Сино, 2015. - № 3/1 (158). - С.147-152 (0,4 ҷ.ч.).

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигари илмӣ нашр шудаанд:**

5. Бойматова, Д.П. Развитие и совершенствование экономического законодательства Республики Таджикистан. / Д.П.Бойматова // Сборник статей научно-практической конференции профессорско-преподавательского состава Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - Худжанд, 2012. – С. 105-108 (0,25 ҷ.ч.).
16. Бойматова, Д.П. Правовые основы становления и развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан. /Д.П. Бойматова. // Молодой ученый / Ежемесячный научный журнал. - Чита, 2010. - № 10 (2). - С.176-178 (0,2 ҷ.ч.).
17. Бойматова, Д.П. Место и роль государства в развитии экономики Республики Таджикистан. / Д.П. Бойматова // Сборник статей и научных докладов ученых и преподавателей Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции на научной конференции «Рынок и его проблемы». // Худжанд, 19 апреля 2011 г. - Худжанд, 2011. - С.95-99 (0,3 ҷ.ч.).
18. Бойматова, Д.П. Особенности действия правовых принципов в сфере регулирования рыночных отношений / Д.П. Бойматова // Сборник статей и научных докладов ученых и преподавателей Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции. XVI научно-практическая конференция по теме: «Формирование и развитие рынка товаров народного потребления в Таджикистане»// Худжанд, 17-24 апреля 2012 г.- Худжанд, 2012. – С.85-94 (0, 6 ҷ.ч.).

19. Бойматова, Д.П. Методы правового регулирования и основные направления развития рыночных отношений в Республике Таджикистан в условиях глобализации / Д.П. Бойматова // Сборник статей научно-практической конференции профессорско-преподавательского состава Таджикского государственного университета коммерции (Душанбе, март 2011 г.) – Душанбе, 2011 - С. 92-98 (0,4 ҷ.ч.)
20. Бойматова, Д.П. Мировой опыт государственно-правового регулирования экономических отношений. / Д.П. Бойматова. // Сборник статей научно-практической конференции профессорско-преподавательского состава Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции(Худжанд, 19 апреля 2014г.) - Худжанд, 2014. – С.78-82 (0,3 ҷ.ч.).
21. Бойматова, Д.П. Собственность как правовая и экономическая категория / Д.П. Бойматова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал). – Душанбе: Суманикудрат, 2015. - 2 (11) 2015. - С.102-107 (0,4 ҷ.ч.).
22. Бойматова, Д.П. К вопросу о месте экономического законодательства в правовой системе Республики Таджикистан / Д.П. Бойматова // Республиканская научно-теоретическая конференция, посвященная 20-летию XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан и Дню государственного флага / Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики (26 ноября 2012 года). – Худжанд, 2012. - С. 67-69 (0,2 ҷ.ч.).
23. Бойматова, Д.П. Место и роль государства в условиях формирования рыночной экономики / Д.П. Бойматова // XXVIII Международная заочная научно-практическая конференция «Научная дискуссия: вопросы юриспруденции». Международный центр науки и образования, г. Москва, 07 августа 2014 года. – М., 2014. - С. 5-13 (0,6 ҷ.ч.).
24. Бойматова, Д.П. Трансформация системы права и законодательства Республики Таджикистан при переходе к рыночным отношениям / Д.П. Бойматова // Международная научно-практическая конференция «Правовые системы Республики Таджикистан и стран СНГ: состояние и проблемы, посвященная научной деятельности заслуженного юриста Республики Таджикистан, выдающегося ученого, доктора юридических наук, профессора Ш. Менглиева» (23 октября 2015 г., РТСУ, г. Душанбе). – Душанбе, 2015. - С.162-168 (0,4 ҷ.ч.).
25. Бойматова, Д.П. Юридическое содержание собственности / Д.П. Бойматова // V Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» (31 октября 2017 г., РТСУ, г. Душанбе). – Душанбе, 2017. - С. 125-129 (0,3 ҷ.ч.).

# АННОТАТСИЯ

## ба диссертатсияи Бойматова Дилобар Пулотовна дар мавзӯи: “Танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаи умуминазариявӣ”

Вожаҳои калидӣ: ҳуқуқ, танзими ҳуқуқӣ, иқтисодиёт, давлат, танзими давлатӣ, муносибатҳои бозоргонӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, принсипҳои ҳуқуқ, навъҳои танзими ҳуқуқӣ, иқтисодиёти бозоргонии либералӣ, иқтисодиёти бозоргонии иҷтимоӣ, усулҳои танзими ҳуқуқӣ,дигаргуншавӣ, низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, принсипҳои танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқи хусусӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ.

Мақсади диссертатсияро таҳлили мафҳумҳо, принсипҳо, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар робита бо ақидаҳои назариявӣ ва дар заминаи қонунгузории дорои тамоюли бозоргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Асоси методологии диссертатсияро усулҳои умумиилмии диалектикӣ, материалистӣ, функсионалӣ, низомнокӣ, мантиқӣ ва инчунин усулҳои махсуси таҳлили илмӣ - шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, мушаххаси иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

Диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқотҳои аввалини комплексии танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар таҳқиқоти пешкашшаванда таҳлили муфассали мафҳум, принсипҳо, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар доираи ақидаҳои назариявӣ ва қонунгузории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Дар рисолаи номзадӣ мафҳумҳо, принсипҳо, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ дар доираи ақидаҳои нзариявӣ нуктаҳои илмӣ, ки навгонии илмии корро собит менамоянд, пешкаш карда шудаанд.

Дар рисолаи номзадӣ хусусиятҳои алоқамандии ҳуқуқ ва иқтисодиёт дар даврахои гуногуни таърихӣ, моҳият, навъҳо ва вазифаҳои бозор таҳлил карда шуда, мафҳуми муносибатҳои бозоргонӣ ҳамчун намуди мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ ва таснифоти онҳо пешкаш карда мешаванд. Дар таҳқиқот инчунин ба таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии эъмори иқтисодиёти бозоргонӣ, принсипҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ, сатҳи инкишофи қонунгузории иқтисодӣ, навъҳо ва усулҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои бозоргонӣ, тағйирёбии низоми ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар радифи таҳлили қонунгузории иқтисодӣ ва соҳаҳои ҳуқуқ диққати махсус дода шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот оварда шуда, оиди танзими ҳуқуқии самаранок ва мукаммалгардонии минбаъдаи муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо дода шудаанд.

# АННОТАЦИЯ
## на диссертацию Бойматовой Дилобар Пулотовны на тему: “Правовое регулирование рыночных отношений в Республике Таджикистан: общетеоретический аспект”

Ключевые слова: право, правовое регулирование, экономика, государство, государственное регулирование, рыночные отношения, рыночная экономика, принципы права, типы правового регулирования, либеральная рыночная экономика, социально ориентированная рыночная экономика, методы правового регулирования, трансформация, система права, система законодательства, принципы правового регулирования, частное право, экономическое право.

Целью диссертации является анализ понятия, принципов, типов и методов правового регулирования рыночных отношений в рамках теоретических суждений и на базе рыночно ориентированного законодательства Республики Таджикистан.

Методологическую основу диссертации составили общенаучные методы научного познания: диалектический, материалистический, функциональный, системно-структурный, логический методы, а также специальные методы научного анализа - формально-юридический, сравнительно-правовой, историко-правовой, конкретно-социологический.

Данная диссертационная работа представляет собой одну из первых комплексных монографических исследований проблем правового регулирования рыночных отношений в Республике Таджикистан. В рамках предлагаемого исследования дан подробный анализ понятия, принципов, типов и методов правового регулирования рыночных отношений в рамках теоретических суждений и на базе рыночно ориентированного законодательства Республики Таджикистан. В работе сформулированы научные положения, подтверждающие научную новизну темы исследования.

В диссертации автор выявляет особенности взаимосвязи права и экономики в различные исторические периоды; определяет сущность, типы и функции рынка; дает определение рыночных правоотношений как самостоятельного вида правоотношений и их классификацию; проводит анализ мирового опыта построения рыночной экономики; анализирует принципы правового регулирования рыночных отношений и уровень их закрепления в законодательстве; исследует типы и методы правового регулирования рыночных отношений; раскрывает условия трансформации системы права и законодательства Республики Таджикистан при переходе к рыночным отношениям в контексте анализа экономического законодательства и экономико-ориентированных отраслей права Таджикистана.

В диссертации выработаны рекомендации по эффективному правовому регулированию и совершенствованию рыночных отношений в Республике Таджикистан.

## ANNOTATION

### of the dissertation of Boymatova Dilobar Pulotovna on the theme: "Legal regulation of market relations in the Republic of Tajikistan: a general theoretical aspect"

**Keywords:** law, legal regulation, economy, state, state regulation, market relations, market economy, principles of law, types of legal regulation, liberal market economy, socially oriented market economy, methods of legal regulation, transformation, law system, system of legislation.

The purpose of the dissertation is to analyze the concept, principles, types and methods of legal regulation of market relations in the framework of theoretical judgments and on the basis of market-oriented legislation of the Republic of Tajikistan.

The methodological basis of the thesis consists of general scientific methods of scientific knowledge: dialectical, materialistic, functional, system-structural, logical methods, techniques and principles, as well as special methods of scientific analysis - formal legal, comparative legal, historical and legal, concrete sociological.

This dissertation is one of the first comprehensive monographic studies of the problems of legal regulation of market relations in the Republic of Tajikistan. Within the framework of the proposed research, a detailed analysis of the concept, principles, types and methods of legal regulation of market relations is given within the framework of theoretical judgments and on the basis of market-oriented legislation of the Republic of Tajikistan. The paper formulates scientific statements confirming the scientific novelty of the research topic.

In the thesis, the author reveals the features of the relationship of law and economics in different historical periods; determines the essence, types and functions of the market; gives the definition of market relations as an independent type of legal relations and their classification; analyzes the world experience of building a market economy; analyzes the principles of legal regulation of market relations and the level of their fixation in the legislation; explores the types and methods of legal regulation of market relations; reveals the conditions for the transformation of the system of law and legislation of the Republic of Tajikistan in the transition to market relations in the context of the analysis of economic legislation and economic-oriented branches of law in Tajikistan.

In the thesis, recommendations were made on effective legal regulation and improvement of market relations in the Republic of Tajikistan.